**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)**

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, пешниҳод шудааст.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ ба саҳми яке аз олимони намоён, узви вобастаи АИ ҶТ доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ.Назаров, ки дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон хизмати арзанда намудааст, бахшида шудааст ва аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ мубрам маҳсуб меёбад. Бе муболиға саҳми Ҳ.Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии мардуми тоҷик бузург ва арзанда мебошад. Ҳ.Назаров таърих, ҳаёти сиёсӣ ва фарҳанги халқҳои Шарқ, хоса Афғонистонро мавриди пажӯҳиш қарор дода, самти нав ва мактаби афғонистоншиносии тоҷикро асос гузошт.

Бисёре аз тавсиаҳои олим, махсусан консепсияи пешниҳодкардаи ӯ оид ба ҳалли масъалаи миллӣ дар Афғонистон, ки аз тадқиқоти ӯ бармеоянд, барои ҳалли мушкилоти бухрони сиёсии имрӯзаи Афғонистон муфид ва аҳамияти амалӣ доранд.

Аз ин хотир, рӯ овардани Д.С.Қодиров ба омӯзиши мероси бебаҳои илмии Ҳ.Назаров масъалаи доғи рӯз ва сар вақти мебошад.

Дар муқоиса бо дигар афғонистоншиносон, ки таҳлили равандҳои таърихӣ ва табиати иҷтимоии воқеаҳои муҳим дар эҷодиёти онҳо дуруст ва пурра инъикос наёфтаанд, Ҳ.Назаров, аз анъанаҳои субъективӣ берун баромада, моҳияти аниқи онҳоро дар осори худ ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додаст.

Ба тадқиқи мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» рӯ овардани Қодиров Довар Саидаллоевич аз нигоҳи илмӣ хеле зарур ва дар замони муосир муҳим мебошад. Зеро бе таҳлили ҳодисаҳои гузаштаи сиёсии Афғонистон арзёбии равандҳои сиёсии имрӯз ва дурнамои онҳо, бахусус пайдо намудани роҳҳои ҳалли онҳо мушкил мебошад.

Мубрамияту муҳимияти кори тадқиқшаванда ба таври возеҳ ва мукаммал дар сарсухан исбот шудааст. Сохтор ва мундариҷаи кор ба мақсаду ҳадафи муаллиф мувофиқ буда, дуруст ҷобаҷо шудааст.

Диссертатсия аз сарсухан, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Қодиров Довар Саидаллоевич дар натиҷаи истифодаи васеи осори Ҳ.Назаров, таҳлили муқоисавию интиқодии он бо сарчашмаҳо ва адабиёти гуногун як тадқиқоти арзишманди илмиро ба анҷом расонидааст. Маҳз дар натиҷаи заҳмати пурсамари муаллифи ин диссертатсия маълумоту фаҳмишҳои нав дар хусуси саҳми Ҳ.Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон дастраси аҳли илм гардидаанд. Аҳамияти осори ба Афғонистон бахшидашудаи Ҳ.Назаров манбаи муҳим ва хазинаи бойи таърихнигории афғоншиносон мебошад.

Боби аввали рисола «Ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳақназар Назаров дар солҳои 30-50-уми асри ХХ» ном гирифта, аз ду зербоб иборат аст. Муаллифи дар асоси омӯзиши марҳилаҳои гуногуни зиндагӣ, таҳсил ва фаъолияти Ҳақназар Назаров раванди ташаккулёбии ҷаҳонбинии сиёсӣ ва илмии ӯро ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар зербоби дуюм «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон» муаллиф аввалан саҳми ин олимро дар тарбия намудани кадрҳои илмии соҳаи таърих, хусусан афғонистоншиносӣ ташхис намудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар таҳқиқоти Ҳақназар Назаров» унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум «Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX» муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар осори Ҳ.Назаров, таҳқиқоти муаллифони афғон, Шӯравӣ ва дигар давлатҳои хориҷӣ вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳамаҷониба арзёбӣ гардидааст.

«Ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX» унвони зербоби дуюми рисолаи унвонҷӯ мебошад. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия Ҳ.Назаров дар асоси ташхиси махзанҳои мустанади бойгонӣ, ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистонро таҳлил намуда, сабаби ба миён омадани онҳоро аз нуктаи назари муборизаи синфӣ, дар маҷбуриятҳои феодалӣ, афзоиши сарбозгирӣ ва меҳнати маҷбурӣ («беғор»), худсарӣ ва бедодгарии молиётгирандагон, хиёнати табақаҳои феодалӣ, сӯистифода ва фасоди ҳокимияти мустабиди амир Абдураҳмон мебинад.

Зербоби сеюми ин боб «Арзёбии ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ» ном дорад. Муаллиф дар асоси таҳлили асарҳои ба ин мавзӯъ бахшидашудаи устод Ҳ.Назаров мутмаин аст, ки ҷунбишҳои иҷтимоӣ заминаро барои нуҳзатҳои машрутахоҳӣ, маорифпарварӣ ва ҷунбиши ҷавонафғонҳо муҳайё сохтанд. Идеологияи “Анҷумани уламо”, ба қавли Д.С. Қодиров оммаҳои васеи ҷомеаро муттаҳид гардонида, пайравони он дар арафаи истиқлолияти Афғонистон ба майдон омаданд.

Онҳо таблиғкунандагони инкишофи ҷомеаи афғон аз тариқи ислоҳоти дохилӣ, густариши маориф ва илму техника буданд. Андешаҳои Ҳ.Назаровро, дар “Мақоми тоҷикон дар таърихи Афгонистон”, ки ба таҳлили асари М.Тарзӣ оид ба зарурати ваҳдат ва яғонагии миллӣ, диссертант замонавӣ мешуморад. Хулосаи муаллифи рисола қатъист: ҷавонафғонҳо таблиғгари рушду инкишофи ҷомеа аз тариқи ғустариши маориф, илму техника буда, ҷонибдори истиқлолияти сиёсии Афғонистон буданд.

Боби сеюми рисола «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» унвон дорад. Дар зербоби аввали он «Ҳақназар Назаров ва таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон» таваҷҷуҳ намуда, менависад, ки профессор Ҳ.Назаров дар таҳлили масъалаҳои миллӣ дар Афгонистон ба эҷодиёти шарқшиносони Шӯравӣ хосса И.М.Рейснер, муаррих ва ходими машҳури сиёсию ҷамъиятии Афғонистон М.Ғ.М.Ғубор ва дигар олимон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ба хулоса омадааст, ки Афғонистон давлати касирулмиллат аст ва баробарии ҳамаи халқиятҳо бояд таъмин карда шаванд.

Дар зербоби дуюми ин боб «Ҳақназар Назаров ба арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ»- муаллиф дуруст андешаронӣ намуда, ӯро муборизи зидди зулму ситами иҷтимоӣ, барои таъмини адолати иҷтимоӣ, баробарии тамоми ақвоми кишвар арзёбӣ менамояд.

Дар зербоби сеюми ин боб «Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон» диссертант менависад, ки Ҳ.Назаров дар осори худ дар такя ба адабиёти нодири илмии олимони шӯравӣ, хориҷӣ, афғон ва хулосаҳои худ аз сафарҳояш ба Афғонистон ҷойгоҳи тоҷиконро дар тамоми таҳавулоти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон холисона ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар хулоса муаллиф аз пажӯҳиши худ натиҷагирӣ карда,бо чанд пешниҳоди ҷолиб кори хешро ҷамъбаст намудааст.

Ҳамин тавр, кори анҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гашта, маводи наверо пешниҳоди аҳли илм кардааст. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф аксар қобили қабул буда, истифодаи онҳо дар амал ба манфиати кор мебошад.

Аҳамияти амалӣ ва назариявии тадқиқоти Қодиров Довар Саидаллоевич ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода мешаванд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода гарданд.

Мазмуни диссертатсия пурра дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтааст. Бо автореферат, ки ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст, бо хулосаю натиҷагириҳои аз рисола гирифтаи муҳаққиқ розӣ шудан мумкин аст.

Дар баробари ин, ба андешаи мо дар диссертатсия чанд камбудии ҷузъӣ дида мешавад, аз ҷумла:

1.Диссертант дар зербоби сеюми боби сеюм «Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон» ба масъалаи ҳаёти фарҳангӣ дар ин кишвар камтар диққат додааст. Оиди саҳми сокинони тоҷикзабони Афгонистон дар рушди илми муосир техника, саноат, мусиқӣ, театр, санъати тасвирӣ ва ғайра. (Маълум аст, ки афгонҳо фалакпаймо, математикҳои машҳури дунё доштанд) аз ҷониби диссертант таҳқиқи муфассал наёфтааст.

2.Хуб мешуд, ки муҳаққиқ мулоҳизаҳои устодро оиди масъалаи миллӣ вобаста ба вазъи имрӯзаи сиёсӣ ва миллӣ- нажодии Афгонистон таҳлил менамуд.

3.Дар бораи баъзе шогирдони устод баъзан тасвир аз тафсир зиёдтар ба назар мерасад.

4.Дар саҳ. 61 дар ҷумла оиди он ки ҳокимони афғон заминҳои давлатиро аз тоҷикон ва ӯзбекҳо ...кашида гирифта, ба ҷои онҳо афғонҳоро ҷойгир менамуданд. Беҳтар мешуд, ки ба ҷои **афғонҳо** калимаи **паштунҳоро** истифода менамуданд.

5.Сархатҳои саҳ.81 ва 83 оид ба муҳоҷират аз ҳам канда шудаанд.

6.Сабабҳои пахш шудани ҷунбишҳоро қабл аз оне ки муаллиф таҳлил намудааст, бояд аз набудани як неруи умумӣ- ғоявӣ (идеологӣ), роҳбари бануфузи уҳдабаро (чун дар давраи ҳукмронии ҳизби халқӣ – демократӣ) фаҳмонидан мумкин буд.

7.Хуб мешуд, ки муаллиф доир ба масъалаҳои баҳсноки миллӣ-этникии имрӯзаи тоҷикон ва паштунҳо таклиф менамуд, ки ягон конфронси байналмилалӣ бо иштироки ҷониби Афғонистон пешниҳод менамуд.

8.Воқеан хотираи таърихии халқҳои истисморшуда як нерӯи қудратманди табдилдиҳандаи вазъияти геополитикӣ мебошад.

Муаллиф оиди ҳодисаҳои поймолкунии ҳуқуқи тоҷикони Афғонистон (дискриминатсияи онҳо) сухан ронда, набояд аз хотираи таърихии қисми аҳолии тоҷикони Афғонистон, ки омили амалиётҳои ваҳшигароёнаи муҷоҳидон зидди хукумати Ҷумҳурии Демократии Афғонистон буданд, фаромӯш намояд. Ноғуфта намонад, ки ин масъала дар китобу мақолаҳои илмии Ҳ.Назаров таҳлил ғардидааст.

9.Дар диссертатсия баъзе аз камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад. (нигар дар саҳ. 26, 30, 36, 40, 44, 47, 58, 61, 64, 69, 95, 96, 107, 109, 118, 125,165, 173).

Албатта, камбудиҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии рисоларо коста намекунанд. Ислоҳи камбудиҳои зикршуда дар вақти омода кардани кори мазкур ҳамчун монография барои интишор лозим киниста мешавад.

Бо назардошти ин ҳама, метавон гуфт, ки диссертатсияи Қодиров Довар Саидалиевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши

таърих ва фарҳанги Афғонистон», тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10-12, 14 ва 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Қодиров Довар Сайдаллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви
вобастаи Академияи илмҳои омӯзгорӣ
ва иҷтимоии Федератсияи Россия,
Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Латифов Ҷӯра Латифович

15-уми апрели соли 2020

Суроға: 734025, ш.Душанбе
хиёбони Рӯдакӣ 17,
Тел.: (+992) 917052900;
E-mail: jlatifov@yahoo.com

Имзои Латифов Ҷ.Л.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

15-уми апрели соли 2020